# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз «02» 12 соли 2024** **№ 432/ди** **ш. Душанбе**

*Дар бораи рад кардани баробарарзиш донистани дипломи дараҷаи илмӣ*

Мутобиқи сархати 5 банди 9 ва сархати 4 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дархостномаи Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб аз 30 январи соли 2024, №94/ис доир ба эътироф ва баробарарзиш донистани дипломи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 05.02.01 – Маводшиносӣ дар мошинсозӣ. Рехтагарӣ. Коркарди гармӣ ва коркарди металҳо бо фишор. Металургияи металлҳои сиёҳ, ранга ва нодир. Технологияи элементҳои нодир ва радиоактивӣ (дар соҳаи рехтагарӣ ва технологияи коркарди металл) (01№008028), ки бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Кабинети вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 31 октябри соли 2022, №326/1 ба Ҳакимов Искандар Бозорович дода шудааст, бинобар риоя нагардидани талаботи бандҳои 37 ва 104 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) рад карда шавад.

2. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ (Гулзода А.Б.) вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионии довталаб чораҳои зарурӣ андешад.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Шарифзода М.М. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2024, №12

Раис Давлатзода С.Х.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ